ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 12 нафар иштирок дошт, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 12 нафар, «зид» - нест, «бюллетенҳои беэътибор» - нест.

Баромади Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи « Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, баромади муқарризони расмӣ, баромади муқарризони расмӣ Шафоатов Азал Нусратович, доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов, Амлоев Аминҷон Ятимович, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, ва тақризи муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ»

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ диҳад.

Касе тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоем овоз диҳад.

**Зид-нест. Бетараф-нест.** Якдилона қабул шуд.

Иҷозат диҳед, Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнаро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз номи худам, раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва шурои диссертатсионӣ самимона табрик намоям.

Ба роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло ки дар самти тайёр намудани мутахассисони илми забоншиносӣ ва муҳаққиқон заҳмат мекашанд, як ҷаҳон сипос баён мекунам.

Ба муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар, муқарризони ғайрирасмӣ барои пешниҳоди тақризҳои мусбат ва ҳамкориҳои судманди илмӣ бо шурои диссертатсионӣ, ташаккури бепоён баён менамоям.

Ба ҳамаи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо ҳузури худ, пешниҳоди саволҳо ва муҳокимаю андешаҳои муфиди худ дар кори имрӯзаи ҷаласа иштирок намуда, ба диссертант маслиҳатҳои олимона доданд, изҳори ташаккуру сипос менамоям. Ба ҳамаи меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ низ ташаккур!

Раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, дотсент Каримова Д. Н.

11.03.2024с.